آوازتاجیک

# Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

23 январи соли 2021. Шанбе

№ 7 (14708)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# АҲЛИ БУХОРО БОЯД МУВОФИҚИ ИҚТИДОРУ ИМКОНИЯТҲОИ ИН САРЗАМИН КОР ВА ЗИНДАГӢ КУНАНД



***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо мақсади шинос шудан бо рушди минтақа, зиндагии аҳолӣ 21-22 январ аз вилояти Бухоро боздид намуд.***

Сарвари давлат субҳи барвақти 22 январ мақбараи Баҳоуддин Нақшбандро зиёрат кард.

Ба ёди гузаштагон Қуръон тиловат карда, аз Офаридгор ба мамлакат сулҳу шукуфоӣ, ба халқамон саломатӣ ва беҳбудӣ хоста, дуо хонда шуд.

Дар шаҳри Бухоро бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев сессияи ғайринавбатии Шӯрои намояндагони халқи вилоят баргузор гардид.

Дар сессия масъалаи ташкилӣ баррасӣ шуд. Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев номзадии Ботир Комилович Зариповро, ки аз моҳи ноябри соли 2020 вазифаи ҳокими ин вилоятро муваққатан иҷро мекунад, ба вазифаи ҳокими вилоят пешниҳод кард.

— Идора кардани вилоят, сафарбар кардани одамон кори осон нест. Худи Зарипов инро мефаҳмад. Ман ӯро дар вазифаҳои гуногун озмудам, дар се моҳи охир ба сифати иҷрокунандаи вазифаи ҳоким шумо низ ӯро шинохтед. Ин шахсест, ки дар Бухоро таваллуд ёфта, ба воя расидааст, шароити вилоятро хуб медонад. Аз ҳама муҳимаш он аст, ки ӯ бухороиёнро дӯст медорад, — гуфт Шавкат Мирзиёев.

Б. Зарипов соли 1969 дар ноҳияи Ғиждувон таваллуд шудааст. Вай дар вазифаҳои гуногуни соҳаи бонк кор кардааст. Дар солҳои 2016-2020 ӯ саноати миллии масолеҳи сохтмонро идора кардааст.

Депутатҳо, пиронсолон дар суханрониҳои худ номзадро дастгирӣ карданд. Мувофиқи натиҷаҳои овоздиҳӣ Ботир Зарипов ҳокими вилояти Бухоро тасдиқ карда шуд.

— Роҳбари сарзамини муқаддаси Бухоро, халқи бузурги он будан на ба ҳама насиб мекунад. Бигзор ин эътимодро ҳамеша дар ёд дошта бошед. Рӯзҳо, солҳо зуд мегузаранд. Агар пас аз чанд вақт сокинони Бухоро гӯянд, ки ба вилояташон «кадри дуруст» фиристода шудааст, ман худро хушбахт ҳис мекунам, — гуфт Президент.

Ғайр аз ин дар бораи ба вазифаи муовини якуми ҳокими вилоят таъин гардидани Нозимҷон Холмуродов, ки қаблан дар вазифаи муовини вазири сармоя ва савдои хориҷӣ буд, ба вазифаи прокурори вилояти Бухоро – муовини раиси Комиссияи марказии интихоботӣ Маҳмуд Истамов, ба вазифаи ҳокими ноҳияи Вобкент – Фарҳод Умаров хабар дода шуд.

Президент Шавкат Мирзиёев дар сессия бахшида ба вазифаҳои инкишофи иҷтимоиву иқтисодии минтақа нутқ эрод кард.

– Ба саволи: «Оё тараққиёти имрӯзаи Бухоро қаноатбахш аст?» ҷавоби ман ин – не. Минтақа аз дигар вилоятҳо даҳ сол ақиб мемонад. Коррупсия, порахӯрӣ решакан нагаштааст. Ҳиссаи хоҷагии қишлоқ дар маҷмӯи маҳсулоти минтақа 50 фоиз, ки ин мисли давраи собиқ аст. Вилоят дар соҳаи саноат, хидматрасонӣ ва соҳибкорӣ имконоти зиёдро молик аст. Ҷаҳонбинии ҳокимони ноҳияҳо, роҳбарони секторҳо бояд тағйир ёбад, – таъкид кард Шавкат Мирзиёев.

Таъкид шуд, ки низоми нави омӯзиши мушкилот ва имконот дар дараҷаи маҳаллаҳо, таъмини шуғл ва манбаъҳои даромади аҳолӣ ҷорӣ карда хоҳад шуд.

–Аз ин баъд ҷамъиятамон бо роҳи нав меравад, ки дар он маҳалла қувваи бузург мегардад. Агар раиси маҳалла одами саводнок, шуҷоатнок бошад, кайфияти одамон ва иқтисодиёт дигар мешавад, – таъкид кард роҳбари давлат.

Ба минтақа гурӯҳи корӣ равон гардида, роҳбарони вазорат, идора ва бонкҳои тиҷоратӣ ба шаҳрҳо ва ноҳияҳо вобаста карда шуда буданд.

Тамоми 544 маҳалла омӯхта шуда, аз он 333 ба тоифаи инкишофаш қаноатсозанда ҷудо карда шуда, 182 маҳалла аз ин лиҳоз миёна ва 29 маҳалла паст шинохта шуд. Барои ба вуҷуд овардани манбаъҳои даромади аҳолӣ захираҳо маълум гардиданд.

Президент дар бобати бекорӣ ва мушкилоти он алоҳида таваққуф намуд. Дар бобати ба вуҷуд овардани ҷойҳои нави кор ва шароит барои худбандкунӣ супоришҳо дода шуд. Муайян карда шуд, ки барои лоиҳаҳои соҳибкории оилавӣ ва ҷавонон 390 миллиард сӯм кредити имтиёзнок ҷудо карда мешавад. Дар ҳар як ноҳия дар пойгоҳи мактабҳои касбӣ мономарказҳо ба вуҷуд оварда мешаванд. Дар натиҷаи тадқиқотҳои алоҳидагии маҳаллаҳо бекорон, ҷавонон ва занон ба касбҳои зарури имрӯз омӯзонда мешаванд.

Барои вилояти Бухоро ба қимати қариб 19 триллион сӯм барои татбиқ намудан дар солҳои 2021-2022 713 лоиҳаи сармоягузорӣ тартиб дода шудааст. Аз он имсол 555-тоаш татбиқ гардида, беш аз 14 ҳазор ҷойи нави кор ба вуҷуд овардан ба нақша гирифта шудааст.

Ба ногузирии пурра роҳандозӣ намудани потенсиали соҳаи хидматрасонӣ, аз он ҷумла рушди минбаъдаи сайёҳии зиёратӣ ишора гардид. Аз он ҷумла, супурда шуд, ки маркази таърихии Ғиҷдувон барқарор карда шуда, он ба музейи саркушод табдил дода, дар деҳаи Ширини ноҳияи Вобкент маркази этносайёҳӣ ба вуҷуд оварда шуда, маҷмӯи «Давраи Ибни Сино» дар деҳаи Афшонаи ноҳияи Пешкӯ ба вуҷуд оварда шавад. Ташаббус дар бобати баргузор намудани Ҷашнвораи байналхалқии санъати зардӯзӣ ва ҷавоҳироти бухорӣ пешниҳод карда шуд.

Ба инкишофи соҳаи иҷтимоӣ, ташкили муассисаҳои нави таълимӣ ва тиббӣ эътибори алоҳида нигаронда шуд. Соли ҷорӣ дар Бухоро Мактаби президентӣ кушода шуда, 16 мактаб бо тамоили омӯзиши математика, технологияи иттилоотӣ, кимё, биология ва физика ташкил карда мешавад. Инчунин таъмири 18 мактаб ба нақша гирифта шудааст.

Роҳбари давлат дар масъалаи дастгирии ҷавонон алоҳида таваққуф намуд.

– Ҷавонон бисёр ғоя ва кӯшишот доранд. Агар мо шароит ба вуҷуд оварем ва мадад расонем, дар оянда ҷавонон қувва ва имконоти худро нишон медиҳанд, – таъкид кард Шавкат Мирзиёев.

Дар сессия вазифаҳо оид ба рушди инфрасохтор, беҳсозии таъминоти оби ошомидани ва канализатсия, сохтмон ва таъмири роҳ муайян карда шуданд.

– Ман ҳама вилоятҳоямонро дӯст медорам ва эҳтиром мекунам. Аммо чунин имконот ва потенсиале, ки Бухоро дорад, ягон вилоят надорад. Ин сарзамини муқаддас аст. Ҳар ваҷаби он таърих ва илм мебошад. Агар худи бухориён инро қадр намоянд, хеле мувофиқи мақсад хоҳад гардид, – гуфт дар поёни сухан роҳбари давлат.

Президент аз иморатҳои замонавии бисёрҳуҷрае, ки дар маҳаллаи ба номи Низомии шаҳри Бухоро сохта шудаанд, боздид намуд.

Пеш дар ин ҷо объектҳои истиқоматии пасти назарногир, ки канализатсия надоштанд, вуҷуд доштанд. Соли гузашта дар ҷойи онҳо иморатҳои ҳафтошёна, нуқтаҳои савдо ва хидматрасонӣ ба вуҷуд омаданд.

Шавкат Мирзиёев дар хонаи собиқадори меҳнат Неъмат Ҳотамов меҳмон гардид. Дар сари дастархон суҳбати гарм ба вуқӯъ пайваст.

Пеш ин оила дар ҳамин маҳалла дар иморати кӯҳна зиндагӣ мекард. Ҳоло онҳо хурсанданд, ки дар мавзеи замонавӣ зиндагӣ мекунанд.

Президент таъкид кард, ки халқи мо барои дар чунин шароити нав зиндагӣ кардан муносиб мебошад.

Ба роҳбари давлат инчунин маълумот дар бораи нақшаҳои сохтмон ва таъмири роҳҳои автомобилии вилояти Бухоро, иншооти канализатсионӣ дар шаҳри Бухоро, реноватсияи иморатҳои бисёрҳуҷра маълумот дода шуд.

Бо ҳамин сафари Президенти мамлакат ба вилояти Бухоро ба поён расид.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.*

## Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

# ДАР БОРАИ БА ВАЗИФАИ ҲОКИМИ ВИЛОЯТИ БУХОРО ТАЪИН КАРДАНИ Б.К.ЗАРИПОВ

Мувофиқи банди 15 моддаи 93-юм ва моддаи 102-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, инчунин қарори Шӯрои депутатҳои халқи вилояти Бухоро **Ботир Комилович Зарипов** ба вазифаи ҳокими вилояти Бухоро таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД, 22 январи соли 2021*

## Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

# ДАР БОРАИ ЧОРАҲО ОИД БА РУШДИ ИЛМ ВА ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ КОРҲОИ ИЛМИЮ ТАДҚИҚОТӢ ДАР СОҲАИ ХОҶАГИИ ҶАНГАЛ

Бо мақсади татбиқи Консепсияи рушди системаи хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Ӯзбекистон то соли 2030, таъмини ҳамгироии илм ва истеҳсолот, ҳавасмандгардонии корҳои илмию тадқиқотӣ, инчунин такмили низоми тайёр кардани кадрҳои дорои таҷрибаи пешқадами хориҷӣ, ки ба сатҳи стандартҳои байналмилалии соҳаи хоҷагии ҷангал мувофиқанд:

1. Бо пешниҳодоти Кумитаи давлатии хоҷагии ҷангал, Вазорати рушди иқтисодӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва Вазорати молия ризоият дода шавад, ки **аз 1 феврали соли 2021** сар карда инҳоро пешбинӣ мекунанд:

а) созмон додани:

**Раёсати оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилотҳои илмӣ ва ҷорӣ намудани инноватсияҳо** аз 4 воҳиди штатӣ дар сохтори дастгоҳи марказии Кумитаи давлатии хоҷагии ҷангал бо мақсади омодасозӣ, бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва ташкили мунтазами коромӯзии хориҷӣ дар соҳаи хоҷагии ҷангал, инчунин ба таври васеъ дар истеҳсолот ҷорӣ намудани коркардҳои инноватсионӣ;

**Стансияи илмию таҷрибавии пистапарварӣ** дар шакли муассисаи давлатии назди Институти илмӣ-тадқиқотии хоҷагии ҷангал дар заминаи плантатсияҳои модиёнаи писта дар мавзеи "Оқтош"-и шуъбаи Ғаллаороли хоҷагии ҷангали давлатии Ҷиззах бо мақсади рушди пистапарварӣ, хоста гирифтани навъу намудҳои нави серҳосили писта, районикунонӣ, инчунин ташкили семинарҳо, тренингҳо ва дигар чорабиниҳо оид ба парвариши писта барои ҷангалпарварон, хоҷагиҳои фермерӣ ва деҳқонӣ;

**Шуъбаи иқтисоди ҷангал** дар сохтори Институти илмию тадқиқотии хоҷагии ҷангал бо мақсади таъмин намудани коркард ва дар амалиёти ҷангал татбиқ намудани харитаҳои технологии чорабиниҳои хоҷагии ҷангал;

б) **барҳам додани Маркази таҳлили тухмипарварии ҷангал ва гиёҳҳои шифобахши** назди Кумитаи давлатии хоҷагии ҷангал ва **ба Институти илмию тадқиқотии хоҷагии ҷангал супурдани он** бо нигоҳ доштани пойгоҳи моддию техникӣ бо мақсади рушди тухмипарварии ҷангал ва ҳамоҳангсозии натиҷаҳои таҳлили тухми растаниҳои ҷангал бо корҳои илмию тадқиқотӣ.

Муқаррар карда шавад, ки тағйиротҳое, ки ба сохторҳои дастгоҳи марказии Кумитаи давлатии хоҷагии ҷангал ва Институти илмию тадқиқотии хоҷагии ҷангал ворид карда мешаванд, аз ҳисоби воҳидҳои штатӣ, ки дар натиҷаи барҳамдиҳии Маркази таҳлили тухмии растаниҳои ҷангал ва доруворӣ, инчунин оптимизатсияи воҳиди штатҳои хоҷагии ҷангали давлатии Ҷиззах озод мегарданд, амалӣ карда мешаванд.

2. Муайян карда шавад, ки Институти илмӣ-тадқиқотии хоҷагии ҷангал оид ба ҳуқуқ, ӯҳдадорӣ ва шартномаҳо ворисӣ ҳуқуқии Маркази барҳамдодашудаи таҳлили тухмии растаниҳои ҷангал ва доруворӣ ба ҳисоб меравад.

3. Дар пойгоҳи Корхонаи воҳиди давлатии «Ӯрмонлоиҳа»-и низоми Кумитаи давлатии хоҷагии ҷангал дар шакли муассисаи давлатӣ бо мақсади баланд бардоштани сифат ва самаранокии корҳои лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯӣ дар соҳаи хоҷагии ҷангал, ташкили доимии чорабиниҳои хоҷагии ҷангал дар асоси ҳуҷҷатҳои лоиҳа **институти лоиҳакашии «Ӯрмонлоиҳа"** таъсис дода шавад.

4. Вазифаҳои асосӣ ва фаъолияти институти лоиҳакашии «Ӯрмонлоиҳа» инҳо муайян карда шаванд:

**(Давомаш дар саҳ.2).**

## *НУҚТАИ НАЗАРИ ДЕПУТАТ*

# САЪЮ КӮШИШИ ИНСОН – УСУЛИ САМАРАНОКИ РАҲОӢ АЗ КАМБАҒАЛӢ

***«Дар соли нав мақсади ниҳоии ислоҳоти иқтисодӣ коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардум хоҳад буд. Ин ҳадафҳои стратегӣ аз ҳисоби пешрафти баланди иқтисодӣ ба даст оварда мешаванд, ки барои ҳама имкониятҳои баробар фароҳам меоранд», – таъкид намуд Президент дар Муроҷиатнома ба Олий Маҷлис.***

Воқеан, имрӯз худи давр ҷорӣ намудани усули ҳамаҷониба ва ғайристандарти паст кардани сатҳи камбизоатиро тақозо мекунад. Маълум аст, ки ин масъала бо додани қарз, кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ ё манзил худ аз худ ҳал нахоҳанд шуд. Ин ҳалли масъалаҳои мураккаби марбут ба таълим, тандурустӣ, касбомӯзӣ, оби нӯшокӣ, қувваи барқ ва инфрасохтори роҳро талаб мекунад.

Албатта, дар ин самт ҷорӣ кардани низоми «дафтари оҳанин» дар дуруст муайян кардани аҳолии ниёзманд ва дар ин замина, манзилнок кор кардан бо онҳо ҳамчун омили муҳим хидмат хоҳад кард. Бисёре аз шаҳрвандони мо аз он хушҳоланд, ки «Феҳристи иҷтимоӣ», ки имсол пурра ба кор медарояд, тамоми маълумотро дар «дафтари оҳанин» дар бар мегирад ва ба оилаҳои ниёзманд беш аз 30 хадамоти иҷтимоиро дар шакли электронӣ пешниҳод мекунад.

Сарвати бузургтарини ин кишвар инсон аст. Беҳуда нест, ки дар Муроҷиатнома ба таъмини ниёзҳои аввалияи камбизоатон, ҷорӣ намудани механизми нав дар асоси принсипи «ҳавасмандгардонӣ, малака ва кӯмаки молиявӣ» барои аз камбизоатӣ баровардани ҳар як шаҳрванд, ки ба «дафтари оҳанин» даровarда шудааст, таваҷҷӯҳи махсус дода мешавад. Охир, ҳамаи мо амин ҳастем, ки «дафтари оҳанин», ки бо ташаббуси Президентамон дар давраи пандемия ҷорӣ карда шуд, натиҷаҳои чашмдоштро ба бор овард.

Роҳи дигари муассири раҳоӣ аз камбизоатӣ ин саъю кӯшиши инсон аст. Вақте ки инсон ба қувваи худ такя намуда, барои расидан ба мақсади возеҳ ҳаракат менамояд, бешубҳа ҳамаи мушкилотро паси сар мекунад. Боварӣ дорам, ки агар мо бо одамони машҳуре, ки бо меҳнат ва қуввати худ ба муваффақиятҳои азим ноил шудаанд, вохӯриҳо ташкил намуда, ба шаҳрвандоне, ки ба «дафтари оҳанин» дохил карда шудаанд, ҳавасмандии қавӣ диҳем, ин дар оянда самараи хуб хоҳад дод.

Қисми дигари таъсирбахши Муроҷиатнома ин таъсиси беш аз ҳазор маркази омӯзишии касбӣ дар маҳаллаҳо мебошад, ки дар он ба ҳар шахсе, ки касбу ҳунар омӯзонида мешавад, то 1 миллион сӯм кӯмакпулӣ пешниҳод хоҳад шуд. Ин, албатта, барои бо ҷойи кор, манбаи доимии даромад таъмин кардани бисёр ҷавонон хидмат карда, аз ҳама муҳимаш, ба шумораи зиёди оилаҳо хушнудӣ мебахшад.

Масъалаи дигари муҳим ин додани то 7 миллион сӯм субсидия барои хариди таҷҳизот ба шаҳрвандоне мебошад, ки мехоҳанд пас аз хатми курсҳои омӯзишӣ тиҷорати худро оғоз кунанд, инчунин ҷудо кардани замин аз 10 сотих то 1 гектар ба оилаҳое, ки бо деҳқонӣ шуғл меварзанд, вобаста ба имконият ва рушди ҳар як ноҳия, қадами калон дар коҳиш додани камбизоатӣ аст.

Умуман, барои коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ дар аҳолӣ бедор кардани рӯҳияи соҳибкорӣ, пурра ба рӯи об баровардани нерӯи ботинӣ ва салоҳияти инсон, ташкили ҷойҳои нави корӣ аз ҳарвақта муҳимтар аст. Дар Муроҷиатнома дар ин замина вазифаҳои мушаххас гузошта шудаанд. Мо боварӣ дорем, ки таклифҳои дар он пешниҳодшуда ба зинаи баланд бардоштани пешрафти кишварамон хидмат хоҳанд кард.

**Бахитбай АЛДАМУРАТОВ, депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

## *ДАР ҲОШИЯИ МУРОҶИАТНОМА*

***Муроҷиатномаи Президент Шавкат Мирзиёев ба Олий Маҷлис дар вилояти Фарғона низ ҳамовозии гарму ҷӯшон пайдо кард. Дар ин маврид бо як идда кормандони соҳаи таълими халқ ҳамсуҳбат шудем.***

# ПАЁМИ ИЛҲОМБАХШЕ БУД...

– Вақте ки Муроҷиатномаи навбатии Президент ба Олий Маҷлисро аз телевизион тамошо мекардам, ифтихорам меафзуд, ки дар ҳаёти рӯзмарраи мо аллакай дигаргуниҳои куллӣ рух медиҳанд, рӯзгорамон ободу фаровон мегардад. Зимни ироаи Муроҷиатнома таваҷҷӯҳи маро бештар соҳаи мактабу маориф ҷалб намуд. Ман маҳз аз ҳамин ҳисоб рӯзгорамро пеш мебарам, аҳли хонаводаамро меҳӯронаму мепӯшонам, – мегӯяд директори мактаби миёнаи таълимоти ҳамагонии рақами 11-уми ноҳияи Сӯх Ҳабибҷон Ҷӯраев.

Ба гуфтаи ӯ дар Муроҷиатнома масъалаҳои муҳимтарини таълими халқ матраҳ аст ва роҳҳои пешбурди кори ин соҳаро муайян гаштааст. Президент соли равонро "Соли дастгирии ҷавонон ва мустаҳкам намудани саломатии аҳолӣ" унвон кард. Чунин номгузории сол ба соҳаи таълиму тарбия низ хеле алоқаи ногусастанӣ дорад, зеро дар ҳамаи ҷабҳаҳо ҷавонон ба кор фаро хонда шудаанд ва онҳо бояд дастгирӣ карда шаванд.

– Як гурӯҳи омӯзгорони мактаби моро ҷавонон ташкил медиҳанд. Бо дарназардошти иҷрои вазифаҳо дар Муроҷиатнома мо тасмим гирифтем, ки ҷавононро аз ҳар ҷиҳат дастгирӣ кунем. Зеро барои бархе ҷавонон ҳанӯз таҷрибаи корӣ намерасад, кадоме аз онҳо ба дастгирии молӣ ё равонӣ ниёзманд мебошад. Ҳамаи ин ҷиҳатҳо моро водор месозанд, ки ба таъбири Президент масъулиятшинос бошем, ҳамчунин барои солим нигаҳ доштани шогирдони худ бештар таваҷҷӯҳ зоҳир намоем, – изҳор кард Ҳ. Ҷӯраев.

– Ман ин фикрҳои ҳамкори худро комилан дастгирӣ мекунам. Муроҷиатнома дар баробари он ки ҳисси ифтихори моро баланд бардошт, хеле рӯҳбаланд низ кард ва инро тамоми мардуми кишварамон медонанд,– ба суҳбат ҳамроҳ шуд директори мактаби рақами 2-юми ноҳия Фозилҷон Мирзоев.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

Дар саросари кишвар

# ШАҲРИ БОНАВОИ НАВОӢ

Навоӣ яке аз шаҳрҳои ҷавон дар ҷумҳурӣ буда, ба он соли 1958 асос гузошта шудааст.

Саҳрои нопайдоканор меноманд Қизилқумро. Намуд, табиат, иқлиму обу ҳавои мураккаби чӯлҳои беҳудудро ба худ тасаввур кардан душвор нест. Навоӣ алъон шаҳри обод, зебову гулпӯши замонавиест дар Қизилқум. Саҳл дуртар аз шаҳр дарёи Зарафшон ҷорист. Дар водии Зарафшон воқеъгардии шаҳр низ ба файз ва то андозае ба сафо ва таровати дигари он сабаб шудааст. Масоҳати Навоӣ – 35 км. кв. буда, аҳолии он (бо маҳаллаҳои гирду атрофаш) бештар аз 220 ҳазор нафар. Дар 347 метр баландтар аз сатҳи баҳр ҷойгир шудааст. Дар шаҳр асосан панҷ миллат: ӯзбекон, тоҷикон, русҳо, қазоқон ва корейсҳо аҳлона умр ба сар мебаранд.

Байни вилояти Фарғона ва шаҳри Навоӣ риштаҳо мавҷуд: ихтиёриён аз деҳоти Сӯх низ дар азхудкунии заминҳои Қизилқум, бунёд ва ободгардонии шаҳри Навоӣ саҳм гузоштаанд. Дар заводу фабрикаҳои шаҳр кор, ҳатто дар майдонҳои кишт, боғу саҳроҳи нопайдоканори ин ҳудуд деҳқонию боғбонӣ кардаанд, чорводориро ба роҳ гузоштаанд. Сӯхиён ҳоло низ дар Навоӣ мавҷуд, равуои онҳо ба деҳоти мо, яъне диёри аҷдодиашон канда нашудааст. Мустаҳкамии риштаҳои меҳр водор месозад мо, аҳли Сӯх, дар бораи Навоӣ, таърихи барпошавии бунёдгариҳое, ки он ҷо ба амал меоянд, бештар маълумот дошта бошем.

Бо вуҷуди он ки Навоӣ на он қадар шаҳри бузург, яке аз марказҳои калони нерӯҳои барқӣ ва саноати кимё дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба шумор меравад.

Қисми асосии маҳсулоти умумии вилояти ҳамном дар шаҳри Навоӣ баровarda мешавад. Риштаву калоба, матоъи абрешимию пахтагин, ки дар корхонаҳои саноатии маҳаллӣ истеҳсол мегарданд, бо хушсифатии худ ҷудо шуда меистанд. Иттиҳодияи истеҳсолии «Навоиазот», заводи «Барқӣ-кимиёвӣ», комбинати кону металлургии Навоӣ, комбинатҳои орд ва нон, дар баробари ҳамин «Қизилқумсемент», заводи пахта, корхонаи «Sinterob», корхонаҳои саноати хурду озуқаворӣ ва ҳоказо муттасил кор ва қисме аз маҳсулоти худро ба хориҷ содир менамоянд. Дар шаҳри Навоӣ 21 корхонаи калони саноатӣ мавҷуд бошад, 18 корхонаи муштарак, айни замон, маҳсулоти хушсифат мебарорад. Корҳо, хусусан, дар «Agama» ва «Zerispark» барин корхонаҳои муштарак намунавор ба роҳ гузошта шудаанд. Маҳсули ин коргоҳҳо дар бозорҳои берунӣ ҷойгоҳи худ доранд. Дар маркази маъмурии вилоят ду таълимгоҳи олӣ мавҷуд – Донишкадаи давлатии омӯзгорӣ ва Донишкадаи давлатии кон. Се литсейи академӣ ва 18 дабистони таълими умумӣ ба рӯйи толибони илм дар кушода ва дар онҳо асосҳои илми замонавӣ омӯзонида мешавад.

Осорхонаи кишваршиносӣ аз экспонатҳо бой. Тарҳ ва намуди замонавии қасрҳои фарҳанги «Фарҳод», «Ширин» ва «Наврӯз» эътибори бинандаро ба худ мекашад. «Фарҳод ва Ширин»-и ҳазрати Навоӣ ба хотир мерасад беихтиёр.

Дар шаҳрсозӣ, ғоя ва нақшаҳои муҳандисӣ рӯҳи Навоӣ ва осори ҷовидонаи вай ба эътибор гирифта шудааст. Қисме аз меъморон ва сохтмончиён ба мукофотҳои давлатии дараҷаҳои гуногун сазовор гардонда шуданд. Ба муносибати 560-солагии Мир Алишери Навоӣ боғи истироҳат барпо ва ба номи ин шоиру мутафаккири бузург гузошта шуд. Соли 2001 муҷассами муаззами Навоӣ дар яке аз майдонҳои марказӣ устувор гашт.

Вақте сухан дар бораи шаҳри Навоист, наметавон аз Кармана, ки онро қисми кӯҳнаи шаҳри нав низ номанд, сарфи назар намуд. Кармана аз мавзеъҳои қадимӣ буда, назар ба маълумотҳо дар асри сеюми милодӣ арзи ҳастӣ кардааст. Топонимикаи онро ҳар хел шарҳ медиҳанд. Мувофиқи яке аз ривоятҳо, духтари беки мавзеъ, ки Амина ном дошт, модарзод кар буд. Бек назди табиб рафт ва роҳҳои муолиҷа пурсид. Табиб ба бек гуфт, «Кар Амина!» гӯён фарёд занад.

Бек ончунон садо баровард, ки тамоми мавзеъ шунид. Бо қудрати илоҳӣ, гӯшҳои Амина кушода шуданд. Бо ҳамин мавзеъро «Кар Амина» мегуфтанд. Кар Амина баъдтар ба Кармана табдил ёфт...

Дар Кармана ёдгорӣ ва обидаҳои таърихӣ, қадамҷойҳо хеле зиёд. Масҷиди Қосимшайх, мақбараи Мир Саид Баҳром, намозгоҳи Деггарон аз даргоҳҳои муқаддас дар давраи асримиёнагӣ ва ин меъмориҳо ҳанӯз барҷо, ки эътибори зиёратгаронро ба худ мекашанд. Боз як меъмории таърихӣ мавҷуд бо номи Хоҷа Хусрав. Мегӯянд, Хоҷа Хусрав аз шогирдони арзандаи Баҳоваддин Нақшбанд ба шумор мерафт.

Аксарият дар бораи Работи Малик ном корвонсаройи маъруф шунидаанд, ки воқеъ дар Кармана буда, дар асри XI барпо шудааст.

Сафариён аснои аз Самарқанд ба Бухоро рафтан (ё баръакс) дар Работи Малик нафас рост мекарданд.

Аз Тошканд то шаҳри Навоӣ – 509 километр. Роҳҳои автомобилӣ тавассути шаҳри Навоӣ ба Учқудуқ, Бухоро ва Нукус пайвастаанд.

Аз худи Навоӣ бошад, дар бештар аз 20 самт ба шаҳру ноҳияҳои атроф роҳҳои автомобилӣ мегузаранд. Аэропорти байналхалқии Навоӣ тавассути роҳи ҳавоии Тошканд равуоҳо бо зиёда аз 20 кишвари хориҷиро ба роҳ гузоштааст.

Аз Навоӣ шахсҳои номдор, фидоиёни зиёди майдони меҳнат баромада, бахри равнақи диёр, шукуфоии мамлакат ҳисса мегузоранд.



Яке аз онҳо собиқадори меҳнат Комилҷон Иброҳимов. Ӯро, ки солҳои дароз дар ҶТК Истгоҳи гармӣ-барқии Навоӣ ҳамчун устои смена аз сидқи дил меҳнат кардааст, беҳуда «ифтихори шаҳри Навоӣ» наменоманд. Ба вай соли 2009 унвони олии «Қаҳрамони Ӯзбекистон» дода шуд.

Истгоҳе, ки зикр кардем ва аз худ қаҳрамон баровардааст, соли 1961 ташкил ёфта буд. Алъон дар як соат ин манбаъи нур якуним ҳазор МБ барқ истеҳсол менамояд. Нафақат Навоиро, балки навоҳии гирду атрофро бо равшанию гармӣ таъмин месозад.

Оилаеро, ки ба он К. Иброҳимов саробон аст, «хонадони нурчи»-ҳо меноманд. Бонуи хонадон Гулнораапа низ солҳои тӯлонӣ дар корхонае, ки зикр гашт, пултҳоро назорат намуд. 3 писари онҳо, айни замон, он ҷо меҳнат мекунанд.

Нахустустоди ман падарам мебошанд, мегӯяд фарзанди калонӣ Дилшод.

Яке аз шогирдони Комилҷонака, ки Истам ном дорад, мегӯяд ман баринҳо дар корхона хеле бисёр. Устоди мо – фахри мо, сабақ ва таҷрибае, ки аз он кас андӯхтем, ҳамеша кор медиҳанд.

Қаҳрамони Ӯзбекистон, соҳиби ордени «Дӯстлик» К. Иброҳимов, ки ҳоло 65-сола ва дар нафақаи пиронсолист, дар хона ором нишаста наметавонад. Гармхона барпо кардааст ва лимӯпарварӣ мекунад. Гулнораапа бошад, гулпарвари бомаҳорат. Файз ва тароватест дар хонадон.

Шаҳри Навоӣ низ торафт бонаво, файзбор ва замонавӣ мегардад.

**М. ШОДИЕВ.**

*Вилояти ФАРҒОНА.*

Аз ҳаёти деҳот

# МЕҲНАТ МАНБАИ ДАРОМАД АСТ

Раҳим Тӯрақуловро дар маҳаллаи Бибиширин ҳамчун омӯзгори шоиста мешиносанд. Ӯ баъд аз хатми факултаи математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мактабе, ки як замон дар ин даргоҳ таҳсили илм гирифта буд, чун омӯзгор ба кор шурӯъ карда, кору фаъолияти устодони аввалини хешро идома бахшидааст. Ӯ дар 43-соли фаъолияти кориаш даҳ сол мудири қисми илмӣ ва дувоздаҳ сол роҳбарии таълимгоҳи 33-юми ноҳияро дар ӯҳда дошт. Дар давраи омӯзгорӣ ва роҳбариаш бо ҷамоаи омӯзгорони таълимгоҳ садҳо шогирдони шоистаро таълиму тарбия намуда, ба онҳо дар чорсӯи зиндагӣ фотеҳаи нек додааст. Умр ба мисли боди баҳорӣ як лаҳза гӯё вазиду рафт. Раҳимака андармони кору зиндагӣ надонист, ки чӣ хел ба синни шаст расид. Баъзе ҳамкорону шогирдонаш гуфтанд, ки ҳоло сиҳатиаш побарҷост, метавонад дар қатори дигар омӯзгорони ба нафақа баромада кори таълиму тарбияро идома диҳад. Вале қарори ӯ якто буд: бо таълимгоҳу шогирдонаш хайрбод гуфта думболи кори дигарро гирифт. Қарораш дар ин боб қатъӣ буд. Раҳимака солҳои сарвари таълимгоҳ буданаш аз таҳаввулоти иқтисодиву фарҳангие, ки сартосари мамлакати моро фаро гирифта буд, бо ақлу идроки тоза онро хеле чуқур таҳлил намуд. Ӯ он замон ба дил қарор дод, ки аҳли оилааш ва пайвандони хешро дар роҳи соҳибкорӣ ба по хезонад. Раҳимака Тӯрақулов ба аҳли оилааш, хусусан фарзандонаш: Мақсуд, Масрур ва Аскар дар ин боб машварат орост. Рӯзе риштаи суханро ба даст гирифт.

– Писаронам, ба ҳамаатон маълум аст, ки ман ба қарибӣ ба нафақа баромадам. Худоро сад шукр, ки аҳволи оиламон хуб аст. Аз ягон чиз камбудие надорем, лекин Президенти мамлакатамон ба тамоми сокинони кишвар муроҷиат карда мегӯяд, ки ҳар як шаҳрванди солимақл мисли аҳолии мамолики Чин тадбиркор бошанд. Яъне, ҳар як оила ба умеди маоши давлатӣ нашуда, аз ҳисоби худ, аз замини назди ҳавлигиаш ва бо вомҳои имтиёзноки давлатӣ ба кори тадбиркорӣ машғул гарданд, сармоя ғун кунанд, ба оилаҳои камбизоат кӯмак расонанд. Ба фикрам ин андешаҳои роҳбари давлатамон талаботи рӯз аст. Ин нуктаҳо мо ва дигаронро водор мекунад, ки бо заҳмати ҳалол нон ёфта, аҳли оиламонро серу пур ба воя расонем.

Ин дам Мақсуд, писари калонии оила андешаҳои падарашро тақвият бахшида гуфт:

– Воқеан, падарам талаботи даврро дуруст дарк кардаанд. Ман кунун фаҳмидам, ки чаро падарам фаъолияти омӯзгории хешро идома надоданд. Метавонистанд мисли дигар омӯзгорон ба замми нафақапулӣ боз кор карда маош гиранд, вале ин корро ба худ раво надиданд. Бинобар ин, маслиҳату машварати падарам ба ман хеле писанд омад. Агар ҳамакаса аз як гиребон сар баровarda, ба парвариши чорво ва деҳқонӣ машғул шавем, бегуфтугӯ дар ин бобат кори мо ривоҷ хоҳад ёфт.

Масрур ва Аскар низ ин фикри бародарашонро ҷонибдорӣ карданд. Ҳамин тариқ, аҳли оилаи Раҳим Тӯрақулов ба як қарор омада, аз пайи кор шуданд.

Сарвари оила Раҳим Тӯрақулов бо ҳамроҳии писари кенҷааш Аскар 12 сотих замини наздиҳавлигии хешро аввал поруйи маҳаллӣ ва кимёвӣ пошида, онро хушсифат побел карданд. Бо маслиҳати боғбонҳои таҷрибадор дар ин замин ангурҳои навъи тоифӣ, "мерседес" ва ҳусайнӣ шинониданд.

– Чуноне ки боғбонҳои таҷрибадор ба мо маслиҳат доданд, – риштаи суҳбатро ба даст гирифта гуфт Раҳимака Тӯрақулов, – ин навъҳои ангур дар минтақаи мо серҳосил ва бозоргиранд. Аз ин хотир мо тибқи нишондоди онҳо амал кардем. Ҳоло нашъунамои ин ангурҳо хеле хубанд. Соли гузашта баъзе ҳосил доданд. Имсол ният дорем, ки заҳматҳои мо самараи нек медиҳад. Моҳи апрели соли сипаришуда тибқи қарори ҳукумати ҷумҳурӣ дар пуштаҳои холии ангурзор харбуза, ошкаду ва помидор шинонидем. Бе ҳеҷ муболиға аз ин маҳсулоти полизӣ 12 миллион сӯм даромад ба даст овардем. Аз ноҳияи Деҳнав кӯчати пиёз оварда, онро дар як сотих шинонидем. Аз он беш аз як тонна ҳосил гирифта, онро байни аҳли хонаводаамон баробар тақсим кардем.

**– Дар ривоҷи парвариши чорво аҳли оилаатон чӣ корҳоеро ба сомон расонид?**

– Дар урфият мегӯянд, ки рӯзатро фурӯшу рӯшноӣ хар, говатро фурӯшу дӯшоӣ хар. Дар замири ин гуфтаҳо маънии чуқуре ниҳон аст. Шахсе, ки ду гови дӯшоӣ дошта бошад, сарфу харҷи як оилаи калонро, бешубҳа, мебардорад.

Фарзанди калониам, ки худ бевосита роҳбари хоҷагии фермерии "Тӯрақул Султон"-ро ба зимма дорад, дар тасарруфи он 8-гектар замин мавҷуд аст. Ҳар сол аз ин заминҳо хошоки зиёде ғун карда онро захира мекунад. Аз даромади хоҷагӣ чор сар гови дӯшоӣ парвариш мекунад. Аз даромади як солаи шири ин дӯшоиҳо ва даромади замини наздиҳавлигии хеш 10 сар буқача харид намуд. Замоне, ки ин ҷонварон фарбеҳ шуданд, онро ба бозор баровarda мефурӯшад. Аз пули он боз буқачаҳои дусола, сесоларо харид мекунад. Масрур низ се гови дӯшоӣ дорад. Аз ҳисоби ширу равғани он каму кости рӯзгори худро буд мекунад. Ӯ мисли бародараш 10 буқа парвариш мекунад. Аскар, ки фарзанди кенҷа ҳисоб меёбад, ҳамроҳии мо зиндагӣ мекунад. Ӯ дар таълимгоҳи рақами 33-юм омӯзгор аст. Соли гузашта дар озмуни ҷумҳуриявии "Омӯзгори сол" иштирок намуда ғолиби ин озмун гашт. Аҳли оилаи мо се гови дӯшоӣ ва 8 сар буқаи маҳаллиро нигоҳубин мекунанд. Чӣ мегӯед, ки ҳамаи фарзандони мо аҳлу тифоқанд. Дар муаммои корҳои якдигар кӯмаки бевосита мерасонанд.

– Дар ёд дошта бошед, дар оғози сӯҳбат иброз намудам, – суханашро идома дода гуфт Раҳимака, – мо се оила дар муддати се сол аз парвариши чорво ва фоидаи замин ду мошини боркаши "ЛАБО" ва мошини сабукрави "Нексия" харидем. Ин нақлиётҳо барои ривоҷи корҳои мо кӯмаки бевосита мерасонад.

Президенти мамлакатамон Шавкат Мирзиёев дар ҳар як баромадҳояш таъкид мекунад, ки бояд ҳар як оила дар талоши соҳибкорӣ ақлу заковати хешро баланд бардошта ва пасон дар роҳи муваффақиятҳои кор умед бандад.

**– Азбаски мо дар оғози сол бо шумо суҳбат дорем, чӣ таманнову гуфтаниҳое доред, ба соҳибкороне, ки қадамҳои аввалини худро дар ин ҷода гузоштаанд?**

– Аввало, ҳамаи сокинони ноҳияамонро дар соли нав табрику муборакбод мегӯям. Илоҳо бемории коронавирус зудтар сайёраи моро тарк кунад. Сонияи, ба кори соҳибкорони ҷавон омадҳо хоста, комёбиҳои баландро насибашон гардонад. Беҳуда намегӯянд, мамлакате, ки шаҳрвандонаш бой аст, он давлат пурқудрат аст.

**Нуралӣ РАҶАБ.**

*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

Зикри хайр

# ШЕФТАИ ОСОРИ МИРАЛИШЕР

Аз он ки Алишери Навоӣ ба рушди адабиёт, забон ва фарҳанги ӯзбек саҳми беназир гузоштааст, мояи ифтихорамон мебошад. Дар адабиётшиносӣ эҷодиёти Навоӣ бештар мавриди тадқиқу таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар байни онҳо хидматҳои В. Абдуллоев, Ҳ. Сулаймон, Н. Маллаев. А. Ҳаитметов, С. Ғаниева ва хусусан академик Азиз Қайюмов, ки ҳоло аҳли илм наваду панҷумин солгарди зодрӯзи равоншодро ба некӣ ёд мекунанд, хеле назаррас аст. Устод, баъди ба майдони адабиёт қадам ниҳодан, ҷараёни корҳои табъу нашри осори Навоиро таҳти назар гирифт. Ӯ аз он ки забони форсиро хуб медонист, баробари Порсо Шамсиев ва дигар олимони форсидон дар тарҷумаи таҳтуллафзии девони Фонӣ ба забони ӯзбекӣ фаъол ширкат ҷуст. Бахшида ба «Хамса»-и Алишер Навоӣ — «Ҳайрат-ул-аброр», «Фарҳод ва Ширин», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Сабъаи сайёр» ва «Садди Искандарӣ» рисолаи илмию таҳлилии худро (иборат аз панҷ китоб) таълиф намуд.



Ба сабаби он ки хидматҳои бузурги навоишинос ба ҳамагон маълум аст, бо қисман ба забон овардани таълифоти ӯ иктифо мекунем. Аксарият рӯйи эътибор намегардонданд, вале Азиз Қайюмов такрор таъкид менамуд, ки барои тадқиқу таҳқиқи осори Навоӣ «Панҷ ганҷ»-и Низомӣ, Деҳлавӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ манбаи асосӣ маҳсуб меёбанд. Ҷонибдори он буд, ки бояд осори Абдураҳмони Ҷомию Алишер Навоӣ дар якҷоягӣ нашр шаванд, ин ду бузурги илму адабро аз якдигар наметавон ҷудо кард. Худи ӯ пештар аз дигарон рисолаи илмию оммавие доир ба Ҷомӣ ва Навоӣ таълиф намуд.

Инҷониб бо устод соли 1979 шинос шуда будам. Баъди бо шеърҳоям ошноӣ пайдо кардан, ӯ дархост намуд, ки достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдураҳмони Ҷомиро ба забони ӯзбекӣ баргардонам. Гуфтанд, ки бино ба нақша он бояд соли 1981 ба дасти нашр расад. Он ҳангом устод бори вазифаи директории Пажӯҳишгоҳи ба номи Ҳ. Сулаймонро бар дӯш дошт. Дар он рӯзгор нашри китобҳои теъдодашон зиёд таҳти номи «Силсилаи классикони Шарқ» ба зиммаи пажӯҳишгоҳи мазкур буд. Камина ҳар рӯз тарҷумаро пеши устод мехондаму ӯ ба матни мавриди тарҷума чашм давонда, таҳрир ворид менамуд. Ин дарси нахустини ман дар боби тарҷума буд. Китоб рӯйи чопро дид. Баъд ӯ пешниҳод намуд, ки достонҳои «Лайлӣ ва Маҷнун» ва «Саломон ва Абсол»-ро тарҷума кунам. Ба ивазаш ба сифати ходими илмӣ маош мегирифтам.

Баъди ду соли ҳамкории эҷодӣ фаъолияти кориам дар дигар ҷо оғоз ёфт. Вале ба шарофати таъсири устод достонҳои «Хусрав ва Ширин» ва «Лайлӣ ва Маҷнун»-и шоири классики форс-тоҷик Низомии Ганҷавиро ба забони ӯзбекӣ баргардонда, тавассути нашриёти «Ал-Ҳудо»-и Эрон соли 2005 ба дасти чоп расондам. Устод ба ҳар ду китоб пешсухан навишта, тавассути телефон чанд бор таъкид намуд, ки достонҳои боқимондаи Низомиро низ турҷума кунам. Нахостам сухани устод ба замин монад. Биноан, «Хамса»-и Низомиро пурра тарҷума карда, нашр кунондам. Устод арзи сипос намуд ва илова кард, ки достонҳои боқимондаи Абдураҳмони Ҷомиро низ ба забони ӯзбекӣ баргардонам. Ин дархост низ амалӣ гардид. Сипас бо илқои ӯ ба тарҷумаи девони ғазалҳои Камоли Хуҷандӣ камар бастам. Устод сифати ғазалҳоро аз назар гузаронда, дар омади гап гуфт: «Акнун як кори дигар мекунед. Агар «Хамса»-и Амир Хусрави Деҳлавиро низ тарҷума кунед, барои навоишиносони оянда се манбаъи муътамад омода мегардид». Ин корро низ анҷом додам.

Вақте устод романи шеърии инҷониб «Амир Темур»-ро хонда баромаданд, барои он тақризе омода карданд. Сипас, манбаъҳои даркориро пешниҳод намуда, маслиҳат доданд, ки дар бораи Мирзо Улуғбек ва Ҷомӣ ва Навоӣ достон бинависам. Ҳайати ҷашнии Амир Темур, баъди як сол, романи шеъририро ба чоп тавсия намуд.

Рӯзе ба устод гуфтам, ки як дӯстам «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхиро ба забони ӯзбекӣ баргардондааст, бори муҳарририи онро ба дӯш мегирифтед... Ҳанӯз суханам ба охир нарасида, изҳор доштанд: «Олимҷон, ман бо «Маснавӣ» сарукор надорам». Дертар ба ёдам расид, вақте ба тарҷумаи девони Ҳофиз шурӯъ карда будам, ба ҷуз аз як китоби бо ҳуруфи форсӣ чопшудаи шоирро пешниҳод намудан, ҳарфе нагуфтанд. Ҳангоми тарҷумаи «Чор китоб» низ ба устод муроҷиат накардаам.

Дертар идрок намудам, ки устод танҳо манбаъҳоеро тарҷума кунонда будааст, ки ба навоишиносӣ иртибот дорад. Яъне ӯ, пеш аз он ки мухлиси адабиёти форсӣ бошад, шефтаи эҷодиёти Навоӣ будааст. Устод басе хоста будааст, ки насли оянда аз осор ва зиндагиномаи Алишер Навоӣ вуқуфи бештаре дошта бошад, тадқиқгарон дар ин росто ковишҳои арзанда анҷом диҳанд.

**Олимҷон БӮРИЕВ,**
**шоир ва тарҷумон.**

Ёдкард

***Алҳол дар мамлакати мо ба омӯхтани ҳаёт ва фаъолияти маорифпарварони машҳур, мероси маънавии онҳо, васеъ таҷлил намудани санаҳои хотирмони кишварамон эътибори махсус дода мешавад. Яке аз чунин арбобон Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ба ҳисоб меравад.***

# ФАЪОЛИЯТИ МАЪРИФАТПАРВАРИИ ҶАДИДОН

Аз ҷониби вазоратҳои маълумоти олӣ ва миёнаи махсус, рушди инноватсионӣ, Донишгоҳи журналистика ва коммуникатсияи оммавӣ, Маркази хидматҳои илмӣ муштаракона онлайн-конфронси байналхалқии илмӣ ташкил гардид, ки ба 146-умин солгарди маорифпарвари бузург бахшида шуд.

Мақсади конфронс баланд бардоштани сатҳ ва сифати корҳои илмиву тадқиқотие, ки дар соҳаи матбуот, таърихи журналистикаи ватанӣ, аз ҷумла аз ҷониби олимони ҷавони ҷумҳурӣ амалӣ мешаванд, кӯмакрасонии амалӣ барои ҷорӣ гардидани натиҷаҳои онҳо, ҳамчунин муқаррар кардани робитаҳои илмии байни олимони ватанӣ ва хориҷӣ буд.

Ректори Донишгоҳи журналистика ва коммункатсияҳои оммавӣ Шерзодхон Қудратхӯҷа ба конфронс бо суханони ифтитоҳӣ оғоз бахшид. Дар чорабинӣ муовини директори Маркази таълими Аврупо, Русия ва Авроосиё, профессори Донишгоҳи давлатии Мичиган (ИМА) Темур Косауғлӣ (Хӯҷауғлӣ), намояндаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқи Русия дар пойгоҳи Донишкадаи шарқшиносии Фарҳангистони улуми Русия, доктори улуми таърих Айдар Ҳабутдинов, дотсенти факултаи филологияи ӯзбеки Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров (Тоҷикистон) Мунаввара Ойматова, мудири шуъбаи робитаҳои адабии Озарбойҷон, Туркманистон ва Ӯзбекистони Донишкадаи адабиёти ба номи Низомии Ганҷавии Фарҳангистони миллии илмии Озарбойҷон, доктори улуми филологӣ, профессор Алмаз Улвӣ Биннатова бо маърӯзаҳои худ иштирок карданд. Сухanронии олимони шинохтаи ватанӣ – академик Наим Каримов ва профессор Баҳодур Каримов ба иштирокдорон таассуроти хуб гузошт.

Чорабиние, ки олимони зиёдро муттаҳид сохт, дар ду сексия: «Мероси публисистии Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ» ва «Нақш ва аҳамияти матбуоти ҷадидӣ дар журналистикаи ватанӣ» баргузор гардид.

– Конфронс-онлайни илмии байналхалқӣ барои мубодилаи фикру ақида ва дарёфти донишҳои нав имконияти хуб фароҳам овард, – қайд кард мудири кафедраи назария ва амалияи матбуоти Донишгоҳи журналистика ва коммуникатсияҳои оммавии Ӯзбекистон Назира Тошпӯлатова. – Алҳол бобати ба навор бардоштани филмҳои ҳуҷҷатӣ, асарҳо, ба саҳна гузоштани намоишномаҳои замонавӣ дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти маорифпарвар корҳои зиёде идома доранд. Бо ташаббуси роҳбари давлати мо дар Хиёбони адибони пойтахт муҷассамаи Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ низ гузошта шуд.

Бояд гуфт, ки барои донишҷӯёни мактаби олии мо стипендияи ба номи Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ таъсис гардидааст. Баробари ин дар назди донишгоҳ мактаби илмии публисистию ҷадидияи ба номи Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ фаъолият мебарад. Дар доираи фаъолияти ин мактаб баргузор намудани конфронс, нашри рисола, китобҳо, тайёр кардани силсилаи барномаҳо ба нақша гирифта шудааст.

Дар анҷоми чорабинӣ таъкид шуд, ки ҳаёти ҷадидоне, ки халқро ба бедорӣ ва соҳибмаърифат шудан даъват кардаанд, мероси эҷодии онҳо тӯли асрҳо барои насли оянда ба сифати ибрати нек хидмат хоҳанд кард.

**Назокат ҲАМРОҚУЛОВА.**

# Мусобиқаҳои варзишӣ — гарави саломатӣ

**Дар ноҳияи Бешариқи вилояти Фарғона ба масъалаи кор бо ҷавонон ва ба варзиш ҷалб намудани онҳо аҳамияти хоса дода мешавад. Дар ин мавриd аллакай ҳокимияти ноҳия дар ҳамкорӣ бо ниҳодҳои дигар корҳои зиёд ба сомон мерасонанд.**



Ба гуфтаи ноиби ҳокими ноҳия оид ба сиёсати ҷавонон, ривоҷи иҷтимоӣ ва корҳои маънавию маърифатӣ Отабек Алиматов баргузор кардани мусобиқаҳои гуногуни варзишӣ ба ҳукми анъана даромадааст. Яке аз чунин мусобиқаҳо оид ба футбол дар миёни ҷавонони номуташаккил гузаронида шуд. Ин мусобиқа таҳти унвони "Ҷоизаи прокурор" роҳандозӣ гардид.

– Баргузор кардани намудҳои мусобиқаҳои варзишӣ усули хеле хубест, ки худи ҷавонон ба он таваҷҷӯҳи хос зоҳир мекунанд. Ин бор мо мусобиқаи футболро дар байни ҷавонони чаҳор сектор доир намудем. Онро мардуми зиёд омада тамошо карданд, — гуфт Отабек Алиматов.

Гуфта шуд, ки дар даҳаи аввали моҳи феврал мусобиқаҳо оид ба теннис ва волейбол низ ташкил карда мешаванд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири**
**"Овози тоҷик".**

*Вилояти ФАРҒОНА.*




*Хоҷа Абдулхолиқи ҒИЖДУВОНӢ*

## Ду рубоӣ

*Бар дӯст муборакам,*
*бар душман шум,*
*Дар ҷанг чу оҳанам,*
*дар сулҳ чу мум.*
*Сарчашмаи нур —*
*Ғиждувон манзили мост,*
*Ман теғи дурӯя мезанам*
*то дари Рум.*

***

*Гар дар дилат аз касе шикоят*
*бошад,*
*Дарди дили ту аз ӯ бағоят бошад.*
*Зинҳор ба интиқом машғул нашавӣ,*
*Бадро бадии хеш кифоят бошад.*

Таҳияи **ВАРОРӮДӢ.**

## Падар

*Марде ба мисоли падарам бошам,*
*бас.*
*Ҳар дам ба хаёли падарам бошам,*
*бас.*

*Дар боғи муҳаббату садоқат*
*ба Ватан,*
*Пайванди ниҳоли падарам бошам,*
*бас.*

*Парвоз намекунам агар, боке нест,*
*Дар сояи боли падарам бошам, бас.*

*Бигзор, ки фориғ аз ду олам*
*бошам,*
*Огаҳ чу зи ҳоли падарам бошам,*
*бас.*

*Дороияш аз неъмати дунё илм аст,*
*Ман соҳиби моли падарам бошам,*
*бас.*

*Як умр дар ин ҳаёти худ шукргузор,*
*Бар нони ҳалоли падарам бошам,*
*бас.*

*Шеърам ба мисоли дили ӯ дарёӣ,*
*Ман худ ба мисоли падарам бошам,*
*бас.*

***Сафар АБДУРАҲИМОВ.***

*АНДЕША ВА РОЗҲО*

## ЧАРО ОДАМ ДУШМАНӢ КУНАД?

Чаро одам ба одам душманӣ кунад дар ин дунёи дурӯза? Чаро кинаву кудуратро аз дил зудуда наметавонад? Ҳол он, ки ба қавли шоир: «Оқибат манзили мо водии хомӯшон аст».

## ТУРО ҶУСТА БУДАМ...

Туро мехостам бубинам, туро пазмон шудам, туро ҷустам, аё ёри ҷамилаи ман. Рӯзгоре ҳусну ҷамоли туро дида, дилам сахт ба таппиш меомад. Аммо бо амри сарнавишт мо аз ҳам ҷудо гардидем.

Туро дидам дар айёми ғуруби умр, ожангҳо дар чеҳраи зебоят пайдо шудаанд, ба мӯят сафедӣ афтодааст. Ту то аз нигоҳи ман ҳанӯз ҳамоне, ки будӣ.

Дардеву дареғо, ҳама даргузашт. Дигар мо дар олами ёд ишқ меварзем. Фарёд аз қалами қисмат, ки рӯйи вожаи бахту саодати мо ба як умр хат кашид.

**Ӯктам ИБРОҲИМ.**

## *Шояд бедор шавад*

Ятиме ба хонаи дӯсташ барои бозӣ рафт.

Дӯсташ ба ӯ гуфт:

— Дод назан, то падарам аз хоб бедор нашавад!

Ятим дар ҷавоб гуфт:

— Биё, биравем назди қабри падари ман бозӣ ва фарёд кунем, шояд падарам аз хоб бедор шавад.

Таҳияи **ВОРИС.**

# ДОНИШМАНДИ БЕНАЗИРИ «ШАШМАҚОМ»



Донишманди бузурги «Шашмақом», устоди усулҳои мураккаби мусиқӣ, танбӯрнавози чирадаст, ҳофизи хушадо Ота Ҷалол Носиров (дар баъзе манбаъҳо «Ота» нею «Бобо») соли 1845 дар гузари Эшони Пири шаҳри Бухоро таваллуд ёфтааст. Падараш – Носир соҳиби овози ширадор буда, дар масҷид муаззинӣ мекардааст. Аз мусиқӣ ва сурудҳои халқӣ хабар дошт. Бародараш Мулло Хайрулло низ ҳофиз ва писараш Каромат камоннавоз будаанд. Ҷалолиддин аз хурдсолӣ ба мусиқӣ дил баст ва ба ҳофизи овозадори замон Тиллобой шогирд истод. Синнаш ҳанӯз ба 20 нарасида, шуъбаи «Наср»-и «Шашмақом»-ро аз худ кард. Вай якҷоя бо ҳофизони ҳамонвақта Мирзо Ҳидоят, Муллобой, Абдураҳмонбек, Абдулхайр Махдум, Мирбобо, Мирвосеъ дар тӯю маъракаҳо ширкат ҷуста, мақомхонӣ мекард. Амири Бухоро Музаффархон аз истеъдоди Ҷалол огоҳ гардида ӯро соли1864 ба ҳофизии сарой қабул мекунад. Дере нагузашта ӯ ба мартабаи сарвари санъаткорони сарой таъин мегардад. Ота Ҷалол дар даврai ҳукмронии Амир Музаффархон бештар дар Шаҳрисабз, ҳангоми салтанати Амир Аҳадхон дар Кармана ва солҳои соҳибтахт шудани Амир Олимхон дар Бухоро зиндагӣ мекунад. Дар китоби «Муғанниёни Бухоро» омадааст, ки ин ҳар се амир ба шеър ва мусиқӣ дилбастагӣ доштанду Амир Аҳадхон пеш аз вафоташ ба писараш Олимхон чунин васият карда будааст: «Писарам, усто Ҷалолиддинро эҳтиёт кун, вай устоди «Шашмақом» буда, ба ашъори банда оҳанг бастааст. Дар рӯзҳои сахт ба вай раҳнамо бош!».

Ота Ҷалол баробари ба Левича, усто Шодӣ, усто Тоҳир Давлатзода, Қорӣ Кароmat, Қорӣ Убайдулло, усто Ёдгор барин санъаткорони рикобӣ роҳбарӣ кардан, шуъбаҳои мушкилот ва насри «Шашмақоми Бухоро»-ро пурра тайёр намуда, ба мардум намоиш медиҳад. Ӯ на фақат ин шоҳасари классикиро ба шогирдонаш омӯхт, балки шуъбаҳои онро такмил дод, ба мақоми «Сегоҳ» бо усули «савт» иборат аз се қисм шуъба таҳия намуда, бо номи «Савти Ҷалолӣ» асар эҷод кард. Абдурауф Фитрат дар «Мусиқии классикии ўзбек ва таърихи он» ном асараш чунин нигоштааст: «Мақоми «Сегоҳ» шуъбаи «Савт» надошт. Он бо ташвиқи банда дар соли 1922 аз ҷониби мусиқидони машҳур Ота Ҷалол эҷод гардид». (Нигаред ба Фитрат. Ўзбек классик мусиқаси ва унинг тарихи. Т. «Фан», 1993 й, саҳ. 24).

Ба Ота Ҷалол аз ҷониби амири Бухоро унвони «Мироxур» (сардори саисхонаи сарой) дода шудааст.

Ота Ҷалол аз соли 1921 дар мактаби мусиқии Шарқи Бухоро фаъолият нишон дода ба Левӣ Бобохонов, Борух Зеркиев, Домулло Ҳалим Ибодов, Ҳоҷӣ Абдураҳмон Умаров, Туробқул Қаравулбегӣ, Тоҳирҷон Давлатзода, Мирзо Абдукарими Вобкандӣ, Маъруфҷон Тошпӯлодов, Наҷмиддин Насриддинов ва дигар ҳофизу навозандагони соҳибистеъдод роҳу усулҳои «Шашмақом»-ро омӯхта, ин дурдонаи маънавии Шарқро дастраси мардум мегардонад.

Яке аз хидматҳои бузурги Ота Ҷалол дар он аст, ки вай бо ташаббуси А. Фитрат бо ҳамкории Ота Ғиёс ва В. Успенский дар соли 1924 «Шашмақоми Бухоро»-ро ба адвор даровардa, боиси дар шаҳри Москва аз нашр баромадани он мегардад. Бо шарофати вай қисмҳои наср ва мушкилоти шаш мақом: «Бузург», «Рост», «Наво», «Дугоҳ», «Сегоҳ» ва «Ироқ» мукаммал барқарор шуд. Муаллифи китоби «Шашмақом», этнографи рус В. Успенский, ки материали асосиро аз Ота Ҷалол гирифтааст, дар бораи ӯ чунин навиштааст: «Бо вуҷуди пирӣ, Ота Ҷалол овози баланду форам ва хотираи қавӣ дошт. Вай ҳунарманде буд, ки на фақат оҳангу матни шуъбаҳои «Шашмақом»-ро, балки 18 намуди иҷрои онҳоро беғалат дар хотир нигоҳ медошт».

Ҳофизони машҳур Муллотӯйчӣ Тошмуҳаммедов ва Шораҳим Шоумаров ба Бухоро омада, аз Ота Ҷалол суруди «Гиря»-ро омӯхтаанд.

Ота Ҷалол ба пойтахти ҳамонвақтаи Ўзбекистон — шаҳри Самарқанд рафта, дар институти мусиқӣ ва этнография ба кор медароянд. Домулло Ҳалим Ибодов, Усто Шодӣ Азизов, Шоҳназар Соҳибов, Бобоқул Файзуллоев барин даҳҳо шогирдони барҷастаро тарбия менамояд. Вай соли 1928 дар синни 83-солагӣ дар шаҳри Самарқанд аз олам чашм пӯшидааст. Бояд таъкид намуд, ки эҳёи «Шашмақом» на фақат дар мамлакати мо, балки дар Осиёи Марказӣ бо номи Ота Ҷалол Носиров алоқаманд аст. Ҳақ ба ҷониби В. Успенский, ки гуфтааст:

«Ота Ҷалол донишманди охирин, посдори ягонаи «Шашмақом» дар Бухорост».

**Файзулло ТӮРАЕВ,**
**санъатшинос.**



## Анъанаҳои кандакорӣ идома меёбанд

*Кандакориҳое, ки узви Академияи бадеии Ўзбекистон Зокирҷон Ғафурови фарғонагӣ ба сифати намунаи санъати нодир меофарад, натанҳо дар кишварамон, балки дар хориҷи он низ ба таваҷҷӯҳи алоқамандони ҳунари асил афзудаанд.*

*Усто бо шогирдони хеш дар устохонае, ки он қадар бузург нест, ашёҳои кандакориеро ба мисли офтоба, лаълӣ ва қуттӣ месозад.*

*Намунаҳои эҷоди ӯ дар намоишгоҳҳои Русия, Қазоқистон, Олмон, Британиё, ИМА, Фаронса, Ҷопон ва кишварҳои назди Балтика ба маъраз гузошта шудаанд.*

*– Кандакорӣ навъи санъати амалии халқӣ буда, нақшу тасвирҳо дар ин намуди ҳунар рӯйи ашёи филизӣ бо қалами пӯлодӣ канда мешаванд, – мегӯяд Зокирҷон Ғафуров. – Пардоз додани нақшҳо нозукиҳои худро дорад.*

*Усто дар ҳоли ҳозир барои иштирок дар Ҷашнвораи байналхалқии ҳунармандие, ки бояд соли равон дар шаҳри Қӯқанд баргузор шавад, омодагӣ мегирад.*

***Дар акс:** кандакори фарғонагӣ **Зокирҷон Ғафуров.***

***Аксбардор: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***

# НАҚЛ ДАР ШЕЪР

«Воқеанигорӣ» дар шеърро як тоифа намеписанданд. Мегӯянд, шоир на ноқил, балки мусаввири эҳсос ва тасаввурот бояд бошад. Бо вуҷуди ҳамин дар падидаҳои қаламии баъзе шоирони боистеъдод нақли воқеаҳои ҷолиб омехта бо таассуроту ҳаяҷони ботин дилангезӣ касб ва қалби хонандаро тасхир месозанд. Ин дар офаридаҳои суханвари боистеъдоди мо Лоиқ равшантар падид меояд. Масалан, вай дар яке аз шеърҳои ба модар бахшидааш давраи беғубор ва афсонамонанди тифлӣ ба ёд меорад. Дар ҳолати беморӣ ёд меорад модари меҳрубонро, қадри модар дигарбора ҳис карда ва бо пазмонии шадид мегӯяд, ту куҷоӣ? Воқеае ба хотираш мерасад аз кӯдакӣ, аз худро бардурӯғ ба беморӣ задан, то модари зор меҳрубонтар бошад, «қадр»-и ӯ бештар донад, эркадорӣ кунад. Модар ба бемории ӯ бовар намуд, гирдаш парвона гашт, аз Худо илтиҷоҳо намуд, ки ба дарди кӯдакаш даво диҳад... Аз байн солҳо гузаштанд, модар чашм аз ҷаҳон пӯшид, кӯдаки дирӯза ҳоло марди синнаш ба ҷое расида ва... бемор:

*Кунун аз ростӣ беморам,*
*эй модар, куҷоӣ ту?!*

Сахт мутаассир мешавад шеърхон, кӯдакӣ ба ёд меорад бо як ҳузни ширин, модари ҷонпарвар падидор мешавад дар пеши назараш – шояд ӯ ҳам дар кӯдакӣ худро бардурӯғ ба беморӣ зада ва модар фиребида буд...

Вақте кас бемор шуд, беихтиёр, кӯдакӣ бедор мешавад пеши чашмаш. Модари худ ба хотир меорад, падарашро ёд мекунад. Кӯдак кадом вақте хоҳад мегиряд, одами калон-чӣ? Чун сар ба болин расид, дард зӯрӣ кард, қадри модару падар сахт гузашт, вай ҳам мегиряд. «Модарҷон» гуфта оби чашм мекунад, «падарҷон» гуфта ашк фурӯ мебарад.

Лиро-эпикаи муассир дар намунаҳои шеърии Расул Ғамзатови машҳур низ ба чашм мерасанд, ба дил таъсир мекунанд.

Чаро ту мегирйӣ, мегӯяд вай ба наберааш Шаҳрзод. Падарат бошад, модарат бошад, ака ва апаҳоят – дар пешат, гиря барои чӣ?

Ман гирям, ки аз падар, модар ва ҷигарҳои дигар ҷудо шудаам. Ту чаро мегирйӣ? Онҳое, ки гирду пеши туанд, воқеан дӯстдори ту. Ту ҳанӯз намедонӣ, ки хиёнат чист. Ман бояд гирям, ки чӣ будани хиёнат, хусусан, хиёнати «дӯстон»-ро медонам!

Ту ҳанӯз чӣ будани бадиро намедонӣ. Вақте хобӣ, касе безобита намекунад. Ман бояд гирям, ки даҳшатҳои ҷанг дида ва он гӯё ҳанӯз дар дилу вуҷудам давом мекунад. Нимашабҳо парида мехезам!

Ту бояд гиря кунӣ ё ман?

... Набераам маро бодиққат шунид ва гуфт: «Бобоҷон, ту ҳамаи инро аз сар гузаронда шудӣ. Вале ҳоло назди ман як ҳаёти пурра истодааст. Кӣ медонад, чиҳо меоянд ба сарам. Балки дурӯғ, хиёнат, ҷанг... ки ту аз сар гузарондӣ, маро ҳанӯз пеш.

Бобоҷон, ту ҳамин тавр кун, то чизҳое, ки ба гирьят сабаб шудаанд, такрор наёбанд!

... Нигаред Лоиқи бузург ва Ғамзатови бузург чӣ нақлҳое мекунанд дар шеър. Дар шеърҳои пур аз ҳиссиёт ва таассурот.

**Ш.МУҲАММАД.**

Маданияти мутолиа

# КИТОБЕ, КИ ДАР ЯК ШАБ ХОНДА ШУД

***Нависандагон бисёранд, асарҳои бадеӣ бешумор. Аммо агар қаламкаше аз деҳа ё диёри худат бошад ва дар навиштаҳои ӯ манзараҳои ба худат ошно, воқеаю рӯйдодҳои шунида, саргузашти инсонҳои шиносро бихонӣ, асари ӯ дар назарат гуворою дилкаштар менамояд. Дилат мехоҳад аз хондани ҳикоя ва қиссаҳои ӯ сар набардорӣ, ба хурдтарин деталҳои тасвиркардааш диққат диҳӣ, бештар ба олами фикру тахайюлоти хомабадасти ошно фурӯ равӣ.***

Камина китоби «Ҷоми саргардон»-ро се бор хондам. Сабабашро худам ҳам намедонам, вале ҳар бори мутолиа маро саҳнаҳои тасвиршуда дар ин асар мисли оҳанрабо ҷазб мекунад. Қиссаи «Гурез аз худ» дар бораи тақдири як муаллими худбохта нақл мекунад. Ромиш омӯзгори хуб буд, пешаашро дӯст медошт, лекин аз дасти мушкилоти зиндагӣ ӯ ба роҳи каҷ меравад. Мехоҳад «кори савоб» кунад, вале надониста пушти сари ҳам ба аъмоли баду хатарнок даст мезанад ва дар ниҳоят, ҳодисот чунон печида мешаванд, ки пойи ба роҳи каҷ гузоштаи муаллим ӯро то гӯр мебарад. Фарҷоми қисса бисёр риққатовар аст, вале тамоми рӯйдодҳои дохили он тарбиявӣ ва воқеӣ мебошанд. Барои мане, ки муаллим ва раҳбари мактаб ҳастам, ин қисса як воситаи муҳими тарбиявӣ аст ва чандин бор мутолиа ва ибрат гирифтани ҳамкоронамро аз нақлҳои таркиби ин қисса хостаам.

Қиссаи дигар – «Равзанаи умед» беҳтарин асари дӯстдоштаи ман аст! Ин қисса ба ғайр аз нақли бадеӣ будан, як санади муҳими таърихӣ низ мебошад. Муаллиф дар хусуси воқеаҳое сухан меронад, ки дар замонҳои начандон дур ҳама бобою бобокалонҳои мо аз сар гузарондаанд. Ҳамлаю ҳуҷумҳои бемаврид, зӯроварӣ ва дуздию ғоратгариҳои душманони ҳарис ва роҳзанҳо, ки мо онҳоро «ёв» мегӯем, дар ҳар як деҳаи кӯҳистони мо сурат гирифтааст. Аз пайи ин зулму ситам халқ чӣ рӯзҳои фоҷеаангезеро аз сар нагузарондааст! Забони шево, нақлҳои пайдарҳам, таъбиру ибораҳои бамавқеъ ва ба хусус, бо як тобиши хоси бадеӣ ба тарзи воқеӣ баён кардани ҳодисаҳо хонандаро ба ваҷд меоварад. Масалан, ман моҷармӣ ҳастам, муаллифи асар аз деҳаи Эҷ. Ӯ ҳангоми офаридани сужетҳои худ асло деҳаи худро, одамони зодгоҳи худро ё дар кул, ҷоеро нисбат ба ҷойи дигаре афзал намешуморад. Барои мисол, ҳамон ҳикояти «Ҷашни куштӣ»-ро бигирем. Муаллиф метавонист қаҳрамони асари худ — Суҳробро аз ҳама зӯртар, нерумандтар нишон диҳад, вале ин тавр намекунад. Чун дар куштигирӣ ҳеч деҳае дар кӯҳпояи мо ба Моҷарм баробарӣ намекунад, ин ҳақиқатро нависанда бо тасвирҳои оличаноб возеҳу равшан нишон медиҳад. Суҳроб ҷавонмардона дар назди устоди моҷармии худ таъзим ба ҷо меоварад ва дуои ӯро мегирад. Ин пора аз қисса:

«Суҳроб аз даври дӯстонаш берун омада мустақиман ба назди Ҷӯрапаҳлавон рафт. Бо эҳтиром дасти ӯро гирифту арз кард:

– Тақсир, вақте ки шумо ҳастед, мо чӣ кораем? Ин охирин дасти куштигирист, хоҳиш мекунам, худатон ба майдон бароед.

– Иззати меҳмон аз ҳама чиз болотар аст. Мехоҳам дар ин кӯҳпоя ту кори моро идома диҳӣ ва ҳоло барои худатро нишон додан фурсати муносиб расидааст. Дудила нашав, иродаатро маҳкам гир, то охир талош кун! Ман ба ту бовар дорам, албатта, дастболо мешавӣ!».

Дар бораи қиссаҳои «Гурез аз худ» ва «Равзанаи умед», ҳамчунин перомуни ҳикояҳои китоби «Ҷоми саргардон» гуфтаниҳои ман кам нест. Ҳоло то ин ҷо фикрҳоямро навиштаму сабаби асосии қалам ба даст гирифтани худро нагуфтам. «Китобе, ки дар як шаб хонда шуд» гапи беҳуда нест.

Боре раиси Маркази тоҷикони вилояти Ҷиззах Абдукарим Шарипов дар деҳаи Ӯхм як ҷашни ботантанаи ҳамбастагии миллатҳоро баргузор кард. Дар он маърака аз чор сӯ меҳмонон омада буданд. Барандаи ҷашн овозхони маъруфи кӯҳпоя Дилмурод Қӯзиев буд. Суханрониҳо шуд, устодон ва шогирдон шеър хонданд, латифаҳо гуфтанд, оҳангҳои ҷаззоб садо дод, рақсу бозиҳо доир гардид. Ва ниҳоят, пас аз хотимаи қисми тантанавӣ созмондиҳандагони ҷашн ҳамроҳ бо «соҳибони хона» ҳамаро ба гирди суфраи нозу неъмат даъват намуданд. Иттифоқан, камина бо устодони сухан Абдулло Субҳон, Ҷаъфари Муҳаммад ва Юнуси Имомназар ба самти маъракаи пазироӣ мерафтем. Ногоҳ марде аз миёни селаи одамон ҷудо шуда рост ба сӯйи мо омад. Ӯ бо эҳтиром саломуалейк кард, вале ғайриихтиёр бародарамон Юнуси Имомназарро ба оғӯш кашид. Чеҳрааш шукуфон буд, ба назарам чашмонаш пури ашк намуд, оби дидааш бо нури хуршед ҷило медод. Ӯ бо як муҳаббати бепоён дасти бародарро сар надода гуфт:

– «Ҷоми саргардон» китоби дӯстдоштаи ман аст, бори аввал онро дар як шаб, дар зери чароғ хонда баромадам! Ташаккур ба шумо!

Аз ин суханҳои меҳромези ӯ ҳама ба ваҷд омадем. Абдулло Субҳон гуфт:

– Э, боракаллоҳ! Ана инро мухлис мегӯянд!

Умри инсон мисли оби ҷӯй мегузарад. Аз он воқеа ҳам чанд сол гузашт. Ман фахр мекунам, ки имрӯз ҳамдиёри мо Юнуси Имомназар яке аз хомаингорони зубда ва шинохтаи кишвар аст. Ӯ бо асарҳои «Аз гулгашти Мусалло то Нақши Ҷаҳон», «Аз санг сахт, аз гул нозук», «Ҷоми саргардон», «Деҳаи зархез» ва ба воситаи китобҳои дастҷамъии «Се барги сабз», «Суғдиёна» ва чандин ҳикоя, ки ҳанӯз дар китобҳо ҷой нашудаанд, ба дили хонандагон роҳ ёфтааст, алоқамандони бешумор дорад. Шунидам, ки ба наздикӣ нахустин романи ӯ аз чоп мебароят. Ин на танҳо барои худи нависанда, балки барои миллат ва адабиёти мо туҳфаи арзандае хоҳад шуд.

Боиси хурсандист, ки ба туфайли ободсозиҳои кишварамон дар калонтарин деҳаҳои кӯҳпояи Нурато истгоҳҳои расонандаи операторони мобилӣ ва шабакаҳои интернетӣ шинонда шудаанд. Мо тавассути ин воситаҳои муҳим шабу рӯз бо хабарҳои ҷаҳон, навигариҳои сиёсию иҷтимоӣ, илмию фарҳангӣ ва ғайра шинос мешавем. Аз ҷумла Юнуси Имомназар низ дар ин бобат хеле фаъол аст. Ӯ гурӯҳи маърифатию фарҳангии «Эҷи зархез»-ро роҳандозӣ кардааст ва дар он на танҳо роҷеъ ба Эҷ, балки дар бораи дастовардҳои тамоми деҳаҳои тоҷикнишини кӯҳистони Нурато, одамони пешсафу шинохтаи ин диёр, расму оин, ҷуғрофиё, таърих, меъморӣ нақл мекунад, аксҳои ҷолибро мегузорад, наворҳои диданиро пахш мекунад. Чунончи, дар бораи Моҷарми мо чанд матлаби ӯ доир ба ёдгориҳои деҳа, арчаи дуҳазорсола, оромгоҳи Ҳазрати Зайнулобиддин (Саид Алоуддин), зиёратгоҳи «Эшони Халифа» (Андагин) пахш шудаанд.

Хулосаи калом, мо бояд ба қадри ҳамдигар бирасем, аз зиёйёну бузургони худ ҷонибдорӣ намоем, асарҳои боарзишро дар байни халқ тарғибу паҳн кунем. Ба хотири ин кори хайр бояд ҳар як рӯзи умрамонро ғанимат донем.

**Асалбой АКАБОЕВ,**
**роҳбари мактаби рақами 32-юми деҳаи Моҷарми ноҳияи Фориш.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-125. Адади нашр 791, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
ISSN 2010-7757
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Т. Тӯхтаев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 23.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.